1.4. Дар Шартномаи мазкур истилоҳу ихтисораҳои зерин истифода шудаанд:

1.4.1. Курс – маҷмуи маводи иттилоотӣ ва амалиест, ки бо мавзуи умумӣ муттаҳид гардида барои аз тарафи Фармоишгар пайдо намудани донишу малакаҳо доир ба ин мавзуъ равона карда шудаанд ва барои аз тарафи Фармоишгар пайдо кардани донишу малакаҳо доир ба ин мавзуъ равона гардидаанд. Рӯйхати Курсҳо дар Сайт нишон дода шудааст. Курси аз тарафи Фармоишгар интихоб ва пардохт кардашуда дар Утоқи шахсии Фармоишгар дар Сайт нишон дода мешавад.
1.4.2. Сайт – веб-сайте мебошад, ки дар шабакаи Интернет бо суроғаи lerna.tj ҷойгир карда шудааст.
1.4.3. маҷмуи саҳифаҳои ҳифз кардашудаи Сайт аст, ки дар натиҷаи аз қайд гузаштани Фармоишгар ва ворид кардани маълумоти аутентификатсионии ӯ ҳангоми ворид кардан (email ва рамз) ба майдончаҳои барои ин пешбинишуда дастрас мегардад.
1.4.4. Модул – қисми таркибии Курс.
1.4.5. Ҳисоб – ҳисоб, ҳисоб-фактура, ҳисоб-протоколи мувофиқа кардани нарх, дигар ҳуҷҷати ҳаммонанд, ки арзиши Хизматрасониҳо ва ҳангоми зарурат – тартиби пардохт низ бо он муайян карда мешавад.
1.4.6. Тамдиди муҳлати пардохткунӣ – тарзи аз ҷониби Тарафҳо мувофиқа кардашудаи пардохт, ки зимни он пардохти Хизматрасониҳо мувофиқи Ҷадвали пардохткунӣ, ки дар Ҳисоб нишон дода шудааст, амалӣ мегардад.
Ҳамаи истилоҳу таърифҳои дар матни Шартномаи мазкур истифодашаванда нисбат ба истилоҳҳо дар шакли танҳо ва ҷамъ ба таври баробар ва вобаста аз матн кор фармуда мешаванд.
1.5. Фармоишгар метавонад онлайн-дастрасии ба Курс пешниҳодшавандаро пас аз пардохти онлайн-дастрасии Курс мувофиқи шартҳои Шартнома дар давоми тамоми давраи дар Сайт нишон додашуда ҳамчун давраи дастрасӣ ба Курс истифода барад.
1.6. Иҷрокунанда дар чорчӯбаи Шартномаи мазкур ба Фармоишгар машваратҳои инфиродиеро, ки бо мавзуи шартнома робита надоранд, намедиҳад.

## 2. Тартиби басташавӣ ва иҷрои Шартнома

2.1. Шартномаи мазкур шартномаи оммавиест, ки мувофиқи он Иҷрокунанда уҳдадориҳои хизматрасониро ба доираи номуайяни шахсоне (Фармоишгароне), ки бо ин мақсад муроҷиат мекунанд, ба зиммаи худ мегирад.
2.2. Ҷойгирсозии матни Шартномаи мазкур дар Сайт пешниҳоди оммавии Иҷрокунанда нест, ки ба доираи номуайяни шахсон барои баста шудани Шартномаи мазкур (қ. 2 м. 469 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон) муроҷиат мекунад.
2.3. Баста шудани Шартномаи мазкур бо роҳи ҳамроҳ шудани Фармоишгар ба Шартнома, яъне тавассути аз ҷониби Фармоишгар қабул кардани (аксепти) шартҳои Шартномаи мазкур дар маҷмуъ, бе гузоштани шартҳо, ихтисоркуниҳо ва истисносозиҳо (м. 460 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон) амалӣ мегардад.
2.4. Ба ҳайси далели аз тарафи Фармоишгар қабул карда шудани (аксепти) шартҳои Шартномаи мазкур пардохти хизматрасониҳои фармоишдодаи Фармоишгар бо тартибу бо шартҳои аз ҷониби Шартнома муайян кардашуда хизмат мекунад. Дар ҳолати аз ҷониби Фармоишгар пардохт гардидани хизматрасониҳо бо истифода аз воситаҳои қарзии аз тарафи бонки дахлдор пешниҳодшуда, ҳачун далели аз тарафи Фармоишгар қабул кардани (аксепти) шартҳои Шартномаи мазкур аз тарафи ӯ баста шудани шартномаи дахлдор бо бонк барои пардохт намудани хизматрасониҳои Иҷрокунанда (б. 3 м. 470 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон) хизмат мекунад.
Дар ҳолати пешниҳоди тамдиди муҳлати пардохткунӣ ба ҳайси далели аз тарафи Фармоишгар қабул шудани (аксепти) шартҳои Шартномаи мазкур вордсозии пардохти ибтидоӣ мувофиқи шартҳои мувофиқа кардашудаи тарафҳо эътироф карда мешавад.
2.5. Аксепти офертаи оммавии мазкурро бо тартиби дар Шартномаи мазкур муайян кардашуда амалӣ намуда, Фармоишгар бо ҳамаи шартҳои Шартнома дар ҳамон шакле, ки онҳо дар матни Шартномаи мазкур баён гардидаанд, розӣ шуда, мувофиқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун шахсе баррасӣ мегардад, ки дар асоси Шартномаи мазкур аз тарафи Иҷрокунанда ба муносибатҳои шартномавӣ ворид гаштааст. Дар баробари ин мувофиқи б. 2, б. 3 м. 466 ва б. 3 м. 470 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон Шартномаи мазкур аз ҷониби Тарафҳо дар шакли хаттӣ бастишуда эътироф мегардад.
2.6. Бо истифодаи Сайт ё Утоқи шахсӣ дар Сайт Фармоишгар Курсро интихоб намуда, фармоишро амалӣ месозад. Пас аз гирифтани иттилоот аз кормандони Ичрокунанда Иҷрокунанда ба Фармоишгар ҳисоби пардохти Хизматрасониҳоро доир ба пешниҳоди онлайн-дастрасӣ равон мекунад. Пас аз қабулшавии пардохт (қисми пардохт мувофиқи шартҳои мувофиқакардаи Тарафҳо) дар суратҳисоби Иҷрокунанда ба Фармоишгар барои онлайн-дастрасӣ ба Таъминоти барномавӣ, аз он ҷумла Курси интихобнамудаи Фармоишгар пешкаш карда мешавад, ки иттилоот дар ин бора ба Фармоишгар

тавассути почтаи электронӣ бо пешниҳоди маълумот барои онлайн-дастрасии Курс равона карда мешавад.
2.7. Барои истифодабарии доираи амалкарди Таъминоти барномавӣ, ки дар зербандҳои 1.2.4. – 1.2.6.и Шартнома нишон дода шудааст, Фармоишгар бояд аз қайд дар Сайт гузашта, шакли дахлдорро пур кунад. Қайди Фармоишгар бепул ва ихтиёрӣ аст.
2.8. Курс аз Модулҳо иборат аст. Вобаста аз Курс ва/ё шакли пардохт онлайн-дастрасӣ барои ҳар як Модул метавонад ба таври марҳилавӣ пешниҳод мешавад. Агар пешниҳоди марҳилавии онлайн-дастрасиҳо ба тариқи автоматӣ пешбинӣ шуда бошад, ва/ё аз тарафи Фармоишгар тамдиди муҳлати пардохткунӣ ба тасвиб расонда шуда бошад, дар ин ҳолат онлайн-дастрасӣ ба қисмҳои таркибии Курс (Модулҳо) барои арзиши мутаносибан пардохтшудаи он пешниҳод мегардад.
2.9. Дастрасӣ ба маводҳои Курс дар давоми давраи дар Сайт нишон додашуда пешниҳод мегардад. Ҳангоми вуҷуд доштани имконияти техникӣ ва ҳуқуқӣ оид ба дархости хаттии Фармоишгар Иҷрокунанда ба ӯ дастрасии Курсро пас аз анҷом ёфтани давраи нишон додашуда пешниҳод месозад.

## 3. Ҳуқуқу вазифаҳои Тарафҳо

3.1. Иҷрокунанда уҳдадор аст:
3.1.1. Барои Фармоишгар онлайн-дастрасиро ба Таъминоти барномавӣ, аз он ҷумла ба Курси аз тарафи Фармоишгар интихобшуда, пас аз иҷрошавии шартҳои он пешниҳод кунад.
3.1.2. Дастгирии иттилоотии Фармоишгарро доир ба масъалаҳои хизматрасонӣ ва/ё амалкарди Сайт дар рӯзҳои корӣ аз соати 09:00 то 18:00 (то 17:00 дар рӯзи ҷумъа ва рӯзҳои корие, ки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯтоҳшуда эълон гардидаанд) амалӣ созад.
Масъалаҳои марбут бо дастгирӣ аз тарафи Фармоишгар тавассути суроғаи электронии sales@lerna.team равон карда мешаванд.
3.1.3. Дар ҳолати ошкоршавии ғалатҳо/камбудиҳои аз тарафи Иҷрокунанда ва ё бо айби ӯ роҳ додашуда дар амалкарди Сайт, бо қувваи худ ва аз ҳисоби худ ғалатҳо/камбудиҳои ошкоршударо бартараф намояд.
3.1.4. Бозгардонии воситаҳои пулиеро, ки аз тарафи Фармоишгар пардохт карда шудаанд, дар ҳолат ва бо шартҳои пешбининамудаи Шартнома амалӣ созад.
3.2. Иҷрокунанда ҳуқуқ дорад:
3.2.1. Ба Таъминоти барномавӣ, Сайт, мазмуни Курс (пурра ё дар қисмҳои Модулҳои алоҳида) бе мувофиқа кардани он бо Фармоишгар тағйирот дарорад.
3.2.2. Барои иҷрошавии Шартномаи мазкур бе мувофиқа бо Фармоишгар шахсони сеюмро ҷалб намояд.
3.2.3. Аз Фармоишгар иттилоот ва ҳуҷҷатҳои заруриро барои иҷрошавии дурусти уҳдадориҳои Шартномаи мазкур дархост намояд.
3.2.4. Арзиши хизматрасониҳоро тибқи Шартнома бо ҷойгирсозии арзиши мубрам дар Сайт тағйир диҳад.
Дар баробари ин тағйироти арзиши хизматрасониҳо барои онлайн-дастрасии аз тарафи Фармоишгар аллакай пардохтшудаи Курс анҷом дода намешавад.
3.2.5. Муваққатан фаъолияти Таъминоти барномавӣ ва/ё Сайтро барои гузаронидани корҳои зарурии нақшавӣ, профилактикӣ ва таъмирсозӣ дар захираҳои техникии Иҷрокунанда боздошт намояд.
3.2.6. Шахсони сеюмеро, ки барои иҷрошавии уҳдадориҳои Шартнома ҷалб карда мешаванд, иваз намояд.
3.3. Фармоишгар обязуется:
3.3.1. Арзиши хизматрасониҳоро дар муҳлат ва бо шартҳои др Шартнома муқарраршуда, ки дар ҳисобҳои мувофиқакардаи Тарафҳо ва/ё тавассути паёмакҳо дар Утоқи шахсӣ мувофиқа карда шудаанд (агар чунин вазифаи Утоқи шахсӣ пешбинӣ шуда бошад), пардохт намояд.
3.3.2. Сари вақт иттилооти пурра ва боэътимоди барои Хизматрасониҳо (аз ҷумла ҳангоми аз қайд гузаштан дар Сайт) заруриро пешниҳод намояд.
3.3.3. Қисми амалии Таъминоти барномавӣ ва/ё Сайтро танҳо бо мақсадҳои шахсӣ, оилавӣ ё дигар мақсадҳои ғайритиҷоратӣ истифода барад.
3.3.4. Махфияти маълумотеро, ки барои аутентификатсия дар Утоқи шахсӣ (Email ва рамзи Утоқи шахсии худ) лозим аст, таъмин намуда, маълумотро ба шахсони сеюм интиқол надиҳад.
3.3.5. Фавран Иҷрокунандаро доир ба далелҳои дастрасии ғайриҷозат ба Утоқи шахсии худ огоҳ намояд.

3.3.6. Дар Сайт ва ё захираҳои бегона маълумоти инфиродии шахсони дигар, аз ҷумла маълумоти дастрасиро ба Утоқи шахсии онҳо дар Сайт ҷойгир насозад, яъне истифода набарад ва барои ба даст овардани маълумоти инфиродии истифодабарандагони дигар кӯшиш накунад.
3.3.7. Ҳамчун истифодабаранда аз номи ва ё ба ҷойи шахси дигар ё гурӯҳи (иттиҳодияи) шахсон ё шахси ҳуқуқӣ/соҳибкори инфиродӣ ҳамчун ин қабил истифодабаранда худро дар қайд нагузорад.
3.3.8. Ҳангоми кор бо Таъминоти барномавӣ, аз он ҷумла бо маводи Курс ва/ё зимни муҳокимаи маводи Курс ва/ё Таъминоти барномавӣ ва/ё Иҷрокунанда дар шабакаҳои гуногуни Интернет меъёрҳои одобу ахлоқро риояд намояд, аз он ҷумла ба боқӣ гузоштани гузоришҳо дар чатҳои умумӣ, ки ба мавзуи Курс дахл надоранд (ба истилоҳ: флуд), гуфтаҳои беэҳтиромона ва ё таҳқир ба суроғаи дигар истифодабарандагон, экспертҳо/ шахсони сеюм, кормандони Иҷрокунанда роҳ надиҳад.
3.3.9. Таъминоти барномавиро истифода набарад ва амалҳои барои халалдоршавии амалкарди муътадили Сайт равонашударо амалӣ насозад. Дастрасиро боргирӣ накунад, нигоҳ надорад, нашр насозад, паҳн накунад ва пешниҳод насозад, ё ба таври дигар вирусҳо ва барномаҳои троянӣ ё дигареро истифода набарад; бе иҷозати хаттии Иҷрокунанда скриптҳои (барномаҳои) автоматикунонидашударо барои ҷамъоварии иттилоот дар Сайт, ё ба таври дигар вирусҳо ва барномаҳои троянӣ ё дигареро истифода ва ё пешниҳод насозад.
3.4. Фармоишгар ҳуқуқ дорад:
3.4.1. Пас аз иҷрошавииии шартҳои пешниҳоди онлайн-дастрасӣ ба Таъминоти барномавӣ дастрасӣ пайдо кунад (моддаи 2 Шартнома).
3.4.2. Оид ба масъалаҳои марбут бо тартиби Хизматрасониҳо ва амалкарди Таъминоти барномавӣ дар давоми тамоми муҳлати амал кардани ин Шартнома дастгирии иттилоотӣ гирад.
3.4.3. Дастрасиро ба Таъминоти барномавӣ, аз он ҷумла ба Курс танҳо бо мақсадҳои ғайритиҷоратӣ истифода барад.
3.4.4. Ба Иҷрокунанда эродҳо, таклифҳо ва/ё бозгӯйиҳои марбут бо мавзуи Шартномаи мазкур ва/ё амалкарди Таъминоти барномавиро равона кунад.

## 4. Арзиши хизматрасониҳо ва тартиби пардохт

4.1. Арзиши Хизматрасониҳои Иҷрокунанда дар асоси арзиши онлайн-дастрасӣ ба Курс, ки дар Сайт ё Ҳисоби мувофиқа кардашуда нишон дода шудааст, ё тавассути паёмакҳо дар Утоқи шахсӣ, агар чунин вазифа дар Утоқи шахсӣ барои Фармоишгар дастрас бошад, муайян карда мешавад.
Хизматрасониҳои Иҷрокунанда тибқи Шартномаи мазкур бо дарназардошти ААИ аз рӯйи ҳиссаи 5% муайян карда шудаанд.
4.2. Фармоишгар пардохти арзиши хизматрасониҳои Иҷрокунандаро тибқи шартҳои пешпардохти 100% ба таври яккарата бо роҳи интиқоли воситаҳои пулӣ ба суратҳисоби Иҷрокунанда амалӣ месозад, агар шартҳои дигар дар ҳисоби ба Фармоишгар пешниҳодшуда баён нагардида бошанд.
Ба сифати санаи пардохт санаи ба суратҳисоби Иҷрокунанда ворид шудани воситаҳои пулӣ маҳсуб меёбад.
4.3. Пардохти Хизматрасониҳо аз тарафи Фармоишгар ба фоидаи Иҷрокунанда бо роҳи интиқоли маблағи дахлдори воситаҳои пулӣ бо тарзҳои аз ҷониби Иҷрокунанда дастгиришаванда амалӣ мегардад. Дар баробари ин, Иҷрокунанда ҳуқуқ дорад мустақилона номгӯйи чунин тарзу усулҳоро муайян кунад ва ба Фармоишгар рӯйхати мубрами тарзу усулҳоро бо роҳи ҷойгирсозии он дар Сайт ва ё тавассути иттилоъ додан ба Фармоишгар бо роҳи дигар огоҳ намояд. Ин гуна қоидаҳои пардохт ва бозгардонии воситаҳои пулӣ дар Замимаи № 1 ба Шартномаи мазкур ёдовар шудаанд.
4.4. Фармоишгар ҳуқуқ дорад Хизматрасониҳои Иҷрокунандаро бо истифодабарии воситаҳои қарзӣ, ки метавонанд ба Фармоишгар аз тарафи бонки дахлдор (минбаъд – қарз) пешниҳод карда шаванд, пардохт намояд.
Тарафҳо дарк мекунанд ва розӣ ҳастанд, ки Шартномаи мазкур шартномаи қарзгирӣ нест, Иҷрокунанда қарздеҳ нест ва дар назди Фармоишгар ӯҳдадориҳои дахлдор надорад. Фармоишгар дарк мекунад ва розӣ аст, ки қарз ба Фармоишгар бо шартҳое пешниҳод мегардад, ки аз тарафи бонки дахлдор пешбинӣ шудаанд. Иҷрокунанда барои шартҳои пешниҳоди қарз ба Фармоишгар аз тарафи бонк, аз ҷумла барои андоза ва пардохти фоизҳо барои истифодабарии қарз, инчунин барои рад карда шудани пешниҳодшавии қарз аз тарафи бонк ҷавобгӯй нест. Ӯҳдадориҳоро дар назди бонк, ки бо пешниҳоди қарз аз ҷониби ӯ алоқаманд ҳастанд, Фармоишгар мустақилона иҷро мекунада.
4.5. Ба сифати санаи расонидани хизмат санаи ба Фармоишгар пешниҳод карда шудани онлайн-дастрасӣ ба Таъминоти барномавии, аз он ҷумла ба маводҳои Курси дахлдор маҳсуб меёбад. Мувофиқан, аз лаҳзаи пешниҳод гардидани онлайн-дастрасӣ ба Курси дахлдор (Модул, қисми

таркибии Курс, агар Фармоишгар тамдиди мӯҳлати пардохтро ба тасвиб расонда бошад) Хизмат ба Фармоишгар расонидашуда маҳсуб меёбад.

## 5. Масъулияти Тарафҳо. Маҳдудшавии масъулият

5.1. Ҳангоми халалдоршавии шартҳои Шартнома аз тарафи Фармоишгар, ки ҳуқуқро ба моликияти зеҳнӣ ё ӯҳдадориҳоро оид ба пешниҳод накардани дастрасӣ ба Таъминоти барномавӣ, аз он ҷумла ба маводҳои Курси дахлдор, Фармоишгар ӯҳдадор аст, ки бо тартиби ғайрисудӣ тибқи талаботи хаттии Иҷрокунанда ба андозаи 12 000 (дувоздаҳ ҳазор) сомонӣ барои ҳар як халалдоршавӣ ҷарима пардохт намояд.
5.2. Дар ҳолати халалдоршавии шартҳои Шартномаи мазкур аз тарафи Фармоишгар Иҷрокунанда ҳуқуқ дорад дастрасии Фармоишгарро ба Утоқи шахсӣ ғайрифаъол сохта, инчунин дастрасии Фармоишгарро ба Таъминоти барномавӣ, аз он ҷумла ба Курси дахлдор ва/ё ба Сайт бе бозгардонии воситаҳои пулии пардохт кардашуда бекор созад.
5.3. Дар ҳолати ба Фармоишгар пешниҳод шудани тамдиди мӯҳлати пардохт (мавқуф гузоштани мӯҳлат) ва аз ҷониби ӯ халалдор карда шудани мӯҳлати пардохт Иҷрокунанда ҳуқуқ дорад аз Фармоишгар пардохти пеняро дар ҳаҷми 0,1% аз маблағи пардохташ гузашта барои ҳар як рӯзи халалдоркунии мӯҳлат талаб намояд.
Фармоишгар ӯҳдадор аст, ки пеняро дар давоми 15 (понздаҳ) рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи қабул кардани шикояти (огоҳии) Иҷрокунанда пардохт намояд.
5.4. Иҷрокунанда масъул нест:
- барои мазмуни иттилооти дар чатҳои мессенҷерҳо (WhatsApp, Viber, Telegram) ҷойгир кардашаванда, ки бо ташаббуси истифодабарандагон, аз ҷумла Фармоишгар таъсис дода мешаванд;
- барои аз ҷониби шахсони сеюм истифода бурда шудани маълумоти инфиродие, ки Фармоишгар дар чунин чатҳо гузориш медиҳад;
- барои сифати пайвастшавӣ ба шабакаи Интернет, кори таҷҳизот ва таъминоти барномавии Фармоишгар;
- барои номувофиқатии тавсифҳои техникии таҷҳизоти Фармоишгар ба талаботе, ки барои онлайн-дастрасӣ ба Таъминоти барномавӣ, аз он ҷумла барои пахши маводи Курс, агар чунин талабот муқаррар карда шуда бошад, пешниҳод карда мешавад;
- барои мувофиқат накардани Хизматрасониҳои дар Шартнома пешбинишуда ба интизороти Фармоишгар. Баҳогузории субъективии Фармоишгар меъёри объективии сифати Хизматрасониҳо шуда наметавонад;
- барои ғалатҳо ва ноаниқиҳои аз тарафи Фармоишгар ҳангоми истифодабарии Таъминоти барномавӣ ва/ё доираи амалкарди Сайт роҳ додашуда ((аз ҷумла, вале бо ин маҳдуд нашуда, ишораи нодурусти маълумот ҳангоми ташаккул додани фармоиш ба Хизматрасониҳо);
- истифодабарии (аз имкон берун будани истифодабарии) ва ҳама гуна оқибатҳои истифодабарии (аз имкон берун будани истифодабарии) шакли аз тарафи Фармоишгар интихобшудаи пардохти хизматрасониҳо тибқи Шартнома;
- барои амалҳои (беамалии) бонкҳо ё шахсони сеюми дар ҳисобукитоби ҳангоми пардохти хизматрасониҳо ё бозгардони воситаҳои пулӣ дар ҳолатҳои муқарраршуда иштироккунанда.
5.5. Иҷрокунанда ҳамаи кӯшишҳои оқилонаро, ки ноқисиҳо ва вайроншавиҳои кори Таъминоти барномавӣ ва/ё Сайтпешгирӣ менамоянд, ба харҷ медиҳад. Аммо кори мунтазами онро кафолат намедиҳад ва масъул нест. Ӯ хисоротеро, ки пайдо шудааст ё пайдошавии он бинобар камбудиҳои техникӣ, номураттабии кори провайдер, шахсон ва хадамоти дигар, маҳдудшавии дастрасӣ ба шабакаи Интернет ё Интернет-захираҳо бо сабабҳои дилхоҳ, аз тарафи Фармоишгар таъмин нагардидани бутунии маълумоти дастрасӣ ба Утоқи шахсӣ ва ҳолатҳои дигари берун аз доираи салоҳияти Иҷрокунанда қарордошта имкон дорад, пардохт намекунад.
5.6. Ягон Тараф барои қисман ё пурра иҷро нашудани ӯҳдадориҳо масъул нест, агар чунин иҷро нашудан дар натиҷаи таъсири ҳолатҳои ислоҳнашавандае (аз ҷумла, вале бо ин маҳдуд нашуда, сӯхтор, обхезӣ, заминларза ва дигар офатҳои табиӣ, шӯришҳо, ҷанг ва амалҳои ҷангӣ, эпидемияҳо, пандемияҳо ва ё дигар ҳолатҳое, ки берун аз назорати Тарафҳо қарор доранд), ки ба иҷрошавии Шартномаи мазкур монеа шуда, пас аз баста шудани он ба вуҷуд омадаанд, ба амал омада бошад.
5.7. Дар ҳолати аз тарафи Фармоишгар иҷро нашудани (иҷроиши номатлуби) ӯҳдадориҳои шартномавии худ, аз ҷумла ӯҳдадориҳое, ки дар б. 4.2. ҳамин Шартнома нишон дода шудаанд, Иҷрокунанда ҳуқуқ дорад амали Шартномаи мазкурро бо роҳи радкунии яктарафаи ғайрисудӣ аз иҷрошавии он тавассути дар шакли электронӣ равона кардани огоҳӣ оид ба чунин радкунӣ ба суроғаи почтаи электроние, ки қаблан аз тарафи Иҷрокунанда барои дастрасӣ маълумот ирсол шуда буд, қатъ гардонад. Амали Шартномаи мазкур аз рӯзи аз тарафи Иҷрокунанда равона карда шудани огоҳии

дахлдор ва ё дар муҳлати дар огоҳӣ нишон додашуда қатъ мегардад ва дастрасӣ ба Курс дар ҳамон муҳлат ғайрифаъол мешавад.

## 6. Моликияти зеҳнӣ. Махфият

6.1. Дар чорчӯбаи иҷро гардидани Хизматрасониҳо аз тарафи Иҷрокунанда барои Фармоишгар ба моликияти зеҳнии Иҷрокунанда ва/ё шахсони сеюме, ки Иҷрокунанда бо онҳо шартномаи/созиши дахлдор (минбаъд дар матн – Моликияти зеҳнӣ) бастааст, дастрасӣ пешкаш карда мешавад).
Ба Моликияти зеҳнӣ натиҷаҳои фаъолияти зеҳнии Иҷрокунанда ва/ё шахсони сеюм, аз ҷумла, вале бо ин маҳдуд нашуда, LMS (Learning management system), маводҳои аудиовизуалӣ, барномаҳо барои МЭҲ, маводҳои методӣ ва/ё маълумотӣ, супоришҳо, захираҳои иттилоотӣ мансубанд.
6.2. Фармоишгар нисбат ба Моликияти зеҳнӣ уҳдадор аст:
аз амалҳои дилхоҳе, ки ҳуқуқҳои Иҷрокунанда ва/ё шахсони сеюмро ба Моликияти зеҳнӣ халалдор мекунанд, худдорӣ намояд. Аз он ҷумла, ҳар як Моликияти зеҳниро нусхабардорӣ накунад, сабт насозад, пахш нанамояд, дар ягон шакл паҳн насозад, тағйир надиҳад, бе иҷозати хаттии Иҷрокунанда барои офаридани асарҳои нав истифода набарад;
- ба Иҷрокунанда фавран оид ба ҳар як далели ошкоршудаи халалдоршавии ҳуқуқҳои моликияти зеҳнии Иҷрокунанда ва/ё шахсони сеюм иттилоъ диҳад;
- маълумоти аутентификатсионии худ (email, рамз)ро барои дастрасӣ ба Утоқи шахсӣ ба шахсони сеюм пешниҳод накунад. Дар ҳолати аз даст додан, инчунин дар ҳолатҳои ғайриқонунӣ қабул кардани дастрасӣ ба логину рамз аз ҷониби шахсони сеюм Фармоишгар уҳдадор аст, ки фавран аз ин хусус ба Иҷрокунанда бо роҳи равона кардани огоҳӣ ба суроғаи: sales@lerna.team хабар расонад.
То лаҳзаи ирсол намудани огоҳии номбурда ҳамаи амалҳо ҳамчун аз тарафи Фармоишгар иҷрошуда маҳсуб меёбанд.
6.3. Ба иттилои махфӣ ҳама гуна иттилооте дохил мешавад, ки ба раванди хизматрасонии Иҷрокунанда мутааллиқ буда, аз тарафи Иҷрокунанда дар дастрасии кушод нашр нагардидааст ва барои маълумоти умум дастрас нест. Фармоишгар уҳдадор аст, ки иттилооти махфӣ ва дигар маълумоти аз тарафи Иҷрокунанда дар рафти хизматрасониҳо (ғайр аз иттилооти дастраси умум) пешниҳодшударо ба шахсони сеюм бе ризоияти қаблии хаттии Иҷрокунанда ошкор насозад.
6.4. Иҷрокунанда дорои ҳуқуқи дар маводҳои маркетингӣ ва/ё рекламавии худ истифода бурдани объектҳое мебошад, ки аз тарафи Фармоишгар дар рафти омӯзиши маводҳои Курс эҷод карда шудаанд, инчунин метавонад аз Фармоишгар ҳамчун истифодабарандаи таъминоти барномавии мизоҷ ёдовар шавад.

## 7. Шартҳои дигар

7.1. Фармоишгар тасдиқ месозад, ки ӯ коршоям буда, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бастани созиш бо истифодабарандаи Сайт ба синни зарурӣ расидааст.
7.2. Фармоишгар тасдиқ месозад, ки дар бораи имконияти дар ҳолатҳои зерин инкор шудани пешниҳоди Хизматрасониҳо ба ӯ огоҳ буда, бо ин пурра розӣ аст:
- тасдиқ нашудани авторизатсияи пардохт аз тарафи Бонк ё низоми электронии пардохткунӣ;
- аз тарафи Фармоишгар оғоз карда шудани расмияти бозгардонии воситаҳои пулӣ дар ҳолатҳо ва бо тартиби пешбининамудаи шартнома;
- дар ҳолатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Шартномаи мазкур.

## 8. Муқаррароти хотимавӣ

8.1. Шартномаи мазкур аз лаҳзаи аз тарафи Фармоишгар иҷро шудани амалҳои дар б. 2.4. Шартнома пешбинигашта басташуда маҳсуб ёфта, то уҳдадориҳои худро иҷро кардани Тарафҳо амал мекунад.
8.2. Иҷрокунанда бе огоҳии пешакии Фармоишгар барои тағйир додани шартҳои ин Шартнома, ворид намудани шартҳо ё замимаҳои нав ба Шартномаи мазкур ҳуқуқ дорад. Фармоишгар имкон доштани чунин тағйиротро дониста, розӣ аст, ки онҳо амалӣ шаванд. Агар Фармоишгар иҷрокунии Шартномаи мазкурро идома диҳад, аз ҷумла ҳама гуна истифодабарии Таъминоти барномавӣ, аз ҷумла Курс, Сайтро пас аз чунин тағйирот давом диҳад, ин маънои ризоияти ӯро бо чунин тағйирот дорад.
8.3. Матни тағйирот ва/ё иловаҳои ин Шартнома ё таҳрири нави он аз тарафи Иҷрокунанда тавассути ҷойгирсозии иттилооти дахлдор дар Сайт ба самъи умум расонида мешавад.

8.4. Тарафҳо бе чуну чаро бо он розӣ ҳастанд, ки хомӯшӣ (набудани огоҳии хаттӣ оид ба норизоӣ бо муқаррароти алоҳидаи ин Шартнома, аз ҷумла бо тағйироти тарофаҳо) ҳамчун ризоият эътироф шуда, маънои ҳамроҳ шудани Фармоишгарро ба таҳрири нави Шартномаи мазкур (қ. 3 м. 183 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон) дорад.

8.5. Шартномаи мазкур метавонад бо ризоияти тарафҳо бекор карда шавад.

Ҳар як Тараф ҳуқуқ дорад, ки аз Шартномаи мазкур ба тартиби яктарафа тавассути ба Тарафи дигар равона кардани огоҳӣ аз почтаи электронӣ на дертар аз 15 (понздаҳ) рӯзи тақвимӣ то санаи ба нақша гирифташудаи қатъи он даст кашад.

8.6. Дар сурате, ки агар яке аз шартҳои Шартномаи мазкур қувваи ҳуқуқии худро гум кунад, ғайриқонунӣ дониста шавад ё аз ин Шартнома истисно гардад, ин ба номақбул будани шартҳои боқимондаи ин Шартнома, ки қувваи ҳуқуқии худро нигоҳ медоранд ва барои Тарафҳо ҳатмӣ ҳастанд, оварда намерасонад.

8.7. Ҳамаи масъалаҳои дар Шартномаи мазкур танзимнашуда мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаллу фасл мегарданд.

8.8. Ҳамаи баҳсу мунозираҳо, шикояту норизоиҳо, ки метавонанд дар байни Тарафҳо ба миён оянд, бо роҳи гуфтушунидҳо ҳал карда хоҳанд шуд. Дар ҳолати ғайриимкон будани танзими баҳсу мунозираҳо бо роҳи нишон додашуда Тарафҳо ба суд бо тартиби дар қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, бо риояи ҳатмии тартиби тосудии танзими баҳсҳо муроҷиат мекунанд.

Тарафе, ки ҳуқуқҳои худро тибқи Шартнома поймолшуда меҳисобад, бояд ба Тарафи дуюм шикоят пешниҳод созад. Шикоят ба таври дахлдор пешниҳодшуда маҳсуб меёбад дар сурате, ки агар ба ба Тарафи дигар бо тарзи дилхоҳ равона карда шуда бошад, барои муайян кардани шахсияти шикоятоваранада ва супорида шудани ирсолот ба шахси гиранда далел шуда тавонад. Далели бозгардонии муросилот бо ишора ба набудани қабулкунанда барои муроҷиат ба суд монеа шуда наметавонад. Замима ба шикоят ва нусхаҳои ҳуҷҷатҳои асосноккунанда ва тасдиқкунандаи талабот, агар ин ҳуҷҷатҳо дар дасти Тарафи дуюм вуҷуд дошта бошанд, ҳатмӣ нестанд.

Тарафе, ки шикоят қабул кардааст, дар давоми 10 (даҳ) рӯзи корӣ аз рӯзи қабул кардани огоҳномаи хаттӣ Тарафи дуюмро оид ба натиҷаҳои баррасӣ огоҳ месозад. Қабул накардани ҷавоб ё эътирози асоснок кардашуда ба шикоят дар муҳлати муқарраршуда ҳамчун ризоият бо шикоят ва ҳолатҳои дар он баёншуда маҳсуб меёбад.

8.9. Тарафҳо қувваи ҳуқуқии ҳуҷҷатҳоеро, ки тавассути воситаҳои электронии алоқа ва ё утоқи шахсӣ ба Сайт равона шудаанд, эътироф мекунанд.

8.10. Фармоишгар ба Иҷрокунанда барои коркарди маълумоти инфиродии худ, ки аз ҷониби ӯ ҳангоми муроҷиат барои хизматрасониҳои Иҷрокунанда ва/ё ҳангоми аз қайд гузаштан дар Сайт, инчунин Утоқи шахсӣ бо шартҳои пешбинишудаи Сиёсати коркарди маълумоти инфиродии дар Сайт ҷойгир карда шудаанд, иҷозати худро медиҳад.

8.11. Фармоишгар ба Иҷрокунанда барои аз ӯ гирифтани паёмакҳои хусусияти рекламавидошта, иттилооти рекламавӣ дар бораи маҳсулот, хизматрасониҳои Иҷрокунанда ва ҳамшарикони ӯ, иқдомҳои рекламавӣ, тахфифҳо ва таклифҳои махсус, бозиҳо, озмунҳо, пурсишҳо ва ғайра ба суроғаи почтаи электронии Фармоишгар, бо рақами телефонии Фармоишгар, аз ҷумла дар мессенҷерҳо, аз ҷумла «Viber», «Telegram», «WhatsApp», тавассути тақсимоти почтавӣ, SMS-паёмакҳо, push-огоҳӣ, инчунин гузориши чунин иттилоот дар шакли хаттӣ тавассути телефон ризоият медиҳад.

## 9. Мушаххасоти Тарафҳо

9.1. Тарафҳо розӣ ҳастанд, ки ба сифати мушаххасоти Фармоишгар иттилооти ҳангоми аз қайд гузаштани ӯ дар Сайт ва/ё ба тасвиб расондани дархост барои пешниҳоди дастрасӣ ба Таъминоти барномавӣ, аз он ҷумла Курс ва/ё пардохти хизматрасониҳои Иҷрокунанда ҳисоб карда шавад.

9.2. Мушаххасоти Иҷрокунанда:

**ҶДММ «ТАКМИЛИ ДОНИШ»**
Суроғаи аз қайд гузаштан: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нисор Муҳаммад, 5/5
Суроғаи воқеӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нисор Муҳаммад, 5/5
РМА 010104125
Мушаххасоти бонкӣ:
ҶСК «Алиф-Бонк»
БИК:350101900 ИНН 030026536
ҳ/м: 20402972919001
с/ҳ: 20202972000033918001

Замимаи № 1
ба Шартномаи оммавии хизматрасониҳои пулакӣ

## Қоидаҳои пардохт ва бозгардонии воситаҳои пулӣ

**Қоидаҳои мазкури пардохт ва бозгардони воситаҳои пулӣ (минбаъд - Қоидаҳо) муносибатҳои байни Иҷрокунанда ва Фармоишгарро марбут ба пардохти Хизматрасониҳо тибқи Шартнома ва бозгардонии арзиши пардохтшудаи Хизматрасониҳо дар ҳолати бекоршавии пеш аз муҳлати Шартнома танзим менамоянд.**

1. Арзиши ниҳоии Хизматрасониҳо бо дарназардошти Курси интихобнамудаи Фармоишгар ташаккул дода мешавад. Пардохти Хизматрасониҳо бо тартиби инфиродӣ тавассути яке аз тарзҳои дар Сайт нишон додашуда, бо интихоби Фармоишгар ва бо роҳи қабулшавии воситаҳои пулӣ ба ҳисоби Иҷрокунанда ташаккул меёбад.
2. Ҳангоми пардохт дар Сайт ё тавассути утоқи шахсӣ барои пардохт кортҳои VISA, MasterCard қабул карда мешаванд.
Пардохт мувофиқи Қоидаҳои низомҳои байналхалқии пардохткунии Visa ва MasterCard (минбаъд – низомҳои пардохтӣ) аз рӯйи принсипҳои риоя намудани махфият ва бехатарии пардохткунӣ бо истифодабарии усулҳои муосири тафтиш, рамзбандӣ ва интиқоли маълумот бо каналҳои пӯшидаи алоқа сурат мегирад. масъалаҳои қоида ва тартиби анҷомдиҳии пардохтҳо тавассути низомҳои пардохтӣ Фармоишгар Қоидаҳои дахлдори низомҳои пардохтиро ба асос мегирад ва ба операторони низомҳои дахлдори пардохтӣ барои фаҳмонда додан ва машварат бевосита муроҷиат менамояд. Иҷрокунанда барои дастгирии иттилоотии амалӣ намудани пардохти Хизматрасониҳо бо ёрии низомҳои пардохтӣ дар доираи салоҳиятҳояш ҳуқуқ дорад, вале ягон ҷиҳати замимаи мазкур ӯро барои амалӣ намудани чунин дастгирии иттилоотӣ, ҷавобгар шудан барои пуррагии иттилооти пешниҳодшуда ва ё бурдани дигар ҷавобгарӣ барои оқибатҳои интихоби тарзи пардохти хизматрасониҳо ва/ё низоми пардохткунӣ аз тарафи Фармоишгар водор менамояд.
3. Барои пардохти Хизматрасониҳо тавассути корти бонкии Visa ё MasterCard ҳангоми интихоби тарзи пардохт тугмачаи «Пардохт бо корти бонкӣ» ва барои хотима додани пардохткунӣ тугмачаи «Пардохт намудан»-ро зер кардан лозим аст.
4. Пардохт пас аз он ки ба саҳифаи ҳифз кардашудаи пардохткунии оператор дар низоми пардохтӣ ва/ё саҳифаи бонки дахлдор барои воридкунии мушаххасоти корти бонкӣ аз нав равонакунӣ анҷом дода мешавад, амалӣ мегардад. Пайвастшавӣ бо саҳифаи пардохткунӣ ва интиқоли иттилоот дар реҷаи ҳифз кардашуда бо истифодаи технологияи 3D Secure амалӣ мешавад.
Дар саҳифа барои воридкунии мушаххасоти корти бонкӣ ба Фармоишгар ворид кардани маълумоти корти бонкӣ: рақами корт, номи соҳиби корт, муҳлати амали корт, рамзи сеаломатаи бехатарӣ (CVV2 барои VISA ё CVC2 барои MasterCard) лозим аст. Ҳамаи маълумоти зарурӣ дар худи корт чоп карда шудааст. Рамзи сеаломатаи бехатарӣ се рақаме мебошад, ки дар тарафи қафои корт сабт шудааст.
Агар бонки Фармоишгар технологияи бехатар гузаронидани интернет-пардохткунии MasterCard SecureCode, Verified by Visa-ро дастгирӣ намояд, барои гузаронидани пардохт метавонад ворид кардани рамзи махсус лозим шавад.
5. Мушаххасоти корти бонкии Фармоишгар дар сервери Иҷрокунанда ё дар Сайт нигоҳ дошта намешавад, Иҷрокунанда ба мушаххасоти пардохтӣ, маълумоти корти бонкии Фармоишгар дастрасӣ надорад.
Махфияти иттилооти аз тарафи Фармоишгар додашаванда, аз ҷумла маълумоти инфиродӣ ва мушаххасоти пардохтӣ аз ҷониби оператори низоми пардохтии дахлдор ва/ё бонки Фармоишгар таъмин карда мешавад.
Иттилооти аз тарафи Фармоишгар ворид кардашуда, аз ҷумла мушаххасоти пардохтӣ, маълумоти корти бонкӣ, ба шахсони сеюм ғайр аз ҳолатҳое, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, пешниҳод намешавад.
6. Гузаронидани пардохт аз тарафи бонк метавонад дар ҳолатҳои зерин инкор карда шавад:
6.1. Агар корти бонкӣ барои анҷомдиҳии пардохт тавассути интернет пешбинӣ нашуда бошад; Фармоишгар метавонад дар ин хусус зимни муроҷиат кардан ба бонки хизматрасон огоҳ шавад.
6.2. Агар маблағ барои пардохт дар корти бонкӣ нокифоя бошад.
Муфассалтар оид ба мавҷуд будани маблағ дар корти бонкӣ Фармоишгар метавонад зимни муроҷиат кардан ба бонки баровардаи корти бонкӣ огоҳ шавад;
6.3. Агар маълумоти корти бонкӣ нодуруст ворид карда шуда бошад;

6.4. Агар мухлати амали корти бонкӣ анҷом ёфта бошад.
Муҳлати амали корт одатан дар тарафи болои корт (моҳ ва соле, ки то он корт амал мекунад) нишон дода мешавад.
Муфассалтар оид ба муҳлати амали корти бонкӣ Фармоишгар метавонад зимни муроҷиат кардан ба бонки баровардаи корти бонкӣ огоҳ шавад.

7. Ҳангоми пардохт бо ёрии Apple Pay (агар чунин тарз дар Сайт пешбинӣ шуда бошад) аз замимаи «Wallet» кортро интихоб намоед, аз код-рамз ё тарзи дигари аутентификатсия, вобаста аз тарзи дар замима интихобшуда истифода баред.

8. Ҳангоми ба тасвиб расондани фармоиш бо ёрии Samsung Pay (агар чунин тарз дар Сайт пешбинӣ шуда бошад) «Пардохт намудани Samsung Pay»-ро интихоб кунед, Samsung Account-и худро ворид созед ва харидро дар смартфони худ тасдиқ созед (бо пайи ангушт, мардумаки чашм ё PIN-коди Samsung Pay).

9. Иҷрокунанда маҷмуи барномавӣ-дастгоҳии низоми пардохтӣ ва/ё бонкро назорат намекунад. Агар дар натиҷаи ягон ғалат лағви воситаҳои пулии Фармоишгар анҷом дода шавад, вале пардохткунӣ аз ҷониби низоми пардохтӣ ва/ё бонк авторизатсия нашуда бошад, вазифаи бозгардонии воситаҳои пулӣ ба Фармоишгар ба уҳдаи оператори низоми пардохтӣ ва/ё бонки дахлдор вогузор карда мешавад.

10. Бозгардонии воситаҳои пулии аз тарафи Фармоишгар пардохт кардашуда метавонад дар ҳолатҳои зерин анҷом дода шавад:

10.1. Хизматрасонӣ дар муҳлати муқарраршуда бо айби Иҷрокунанда анҷом дода нашудааст;

10.2. Фармоишгар бо огоҳӣ оид ба бекорсозии Шартнома ва бозгардонии воситаҳои пулӣ то оғози хизматрасонӣ муроҷиат кардааст;

10.3. Дар ҳолатҳои дар б. 14 Замимаи мазкур нишон додашуда.

11. Пурра ё қисман бозгардон шудани воситаҳои пулии аз тарафи Фармоишгар пардохт кардашуда аз тарафи Иҷрокунанда дар асоси аризаи хаттии Фармоишгар, ки ба почтаи электронии Иҷрокунанда sales@lerna.team, равона шудааст, бо минбаъд фиристодани нусхаи аслӣ ба суроғаи Иҷрокунанда: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нисор Муҳаммад, 5/5 амалӣ мегардад.
Иҷрокунанда ҳуқуқ дорад, АЗ Фармоишгар пур кардани шакли тасдиқшудаи аризаро оид ба бозгардонии воситаҳои пулӣ талаб намояд.

12. Дар ҳолати даст кашидани Фармоишгар аз Шартнома то лаҳзаи аз тарафи Иҷрокунанда пешниҳод шудани онлайн-дастрасӣ ба Курси аз тарафи Фармоишгар интихобшуда, ғайр аз ворид сохтани пардохт бо шарти истифодабарии воситаҳои қарзӣ, Иҷрокунанда ба Фармоишгар 100% маблағи пардохтшударо бозмегардонад.

13. Дар ҳолати даст кашидани Фармоишгар аз Шартнома то лаҳзаи аз тарафи Иҷрокунанда пешниҳод шудани онлайн-дастрасӣ ба Курси аз тарафи Фармоишгар интихобшуда бо истифодабарии воситаҳои қарзӣ, Иҷрокунанда бозгардонии воситаҳои пулиро ба суроғаи бонки дахлдор бо тарҳи маблағи комиссияҳое, ки бонк онҳоро аз Иҷрокунанда боздошт намудааст, амалӣ месозад. Иҷрокунанда барои пардохт масъул нест ва ба Фармоишгар маблағи фоизҳои ҳисоб кардашударо барои истифодабарии воситаҳои пулӣ, ки бояд аз тарафи Фармоишгар ба бонк мувофиқи шартномаи аз тарафи Фармоишгар бо бонк бастошуда пардохт гардад, ҷуброн намесозад.

14. Дар ҳолати даст кашидани Фармоишгар аз Шартнома дар давоми 30 (сӣ) рӯзи тақвимӣ аз санаи аз тарафи Иҷрокунанда пешниҳод шудани онлайн-дастрасӣ ба Курси аз тарафи Фармоишгар интихобшуда, Иҷрокунанда ба Фармоишгар 50% маблағи пардохтшударо бозмегардонад. Дар баробари ин, агар онлайн-дастрасӣ ба Курси интихобшуда бо истифодабарии воситаҳои қарзӣ пардохт шуда бошад, Иҷрокунанда бозгардонии воситаҳои пулиро ба суроғаи бонки дахлдор бо тарҳи маблағҳои комиссионие, ки бонк аз Иҷрокунанда боздошт намудааст, амалӣ месозад. Иҷрокунанда барои пардохт масъул нест ва ба Фармоишгар маблағи фоизҳои ҳисоб кардашударо барои истифодабарии воситаҳои пулие, ки бояд аз тарафи Фармоишгар ба бонк мувофиқи шартномаи аз тарафи Фармоишгар бо бонк басташуда пардохт гардад, ҷуброн намесозад.

15. Бо мақсади тафсири якмаъно: ҳангоми даст кашидани Фармоишгар аз хизматрасониҳо бо истифодаи воситаҳои қарзӣ (маҳсулоти бонкӣ – қарзҳои истеъмолӣ, қарзҳои муҳлатнок ва ғ.) маблағи бозгардоншаванда ва хароҷоти Иҷрокунанда аз маблағи воситаҳои пулие ҳисоб карда мешаванд, ки аз тарафи Иҷрокунанда аз бонк ҳамчун пардохти хизматҳои ба Фармоишгар расондашаванда гирифта шудаанд.

16. Дар сурати даст кашидани Фармоишгар аз Шартнома пас аз анҷом ёфтани 30 (сӣ) рӯзи тақвимӣ аз санаи аз тарафи Иҷрокунанда пешниҳод шудани онлайн-дастрасӣ ба Курси аз тарафи Фармоишгар интихобшуда бозгардонии воситаҳои пулӣ амалӣ намешавад.

17. Бозгардонии воситаҳои пулӣ ба суратҳисобе амалӣ мешавад, ки пардохт аз он дар муҳлати то 30 рӯзи тақвимӣ аз санаи қабул кардани Аризаи Фармоишгар (муҳлати мушаххаси бозгардонӣ аз бонке вобастагӣ дорад, ки эмитенти корти бонкии Фармоишгар аст) анҷом дода шуда буд.

18. Ҳангоми тағйир ёфтани мушаххасоти пардохтии Фармоишгар, яъне зимни пардохти Хизматрасониҳо аз ҷониби ташкилоти бонкӣ бо ҷалби воситаҳои қарзӣ Фармоишгар уҳдадор аст, ки дар Ариза мушаххасоти бонкиро барои бозгардонии воситаҳои пулӣ нишон диҳад.

Ҳангоми мушаххасоти бонкиро нишон надодани Фармоишгар Иҷрокунанда барои интиқоли носаҳеҳ ва/ё интиқол надодани ва/ё сари вақт интиқол надодани воситаҳои пулӣ аз рӯйи мушаххасоти пардохтии Фармоишгар, ки ӯ зимни пардохти Хизматрасониҳо нишон додааст, масъулият надорад.

19. Дастрасӣ ба Курс дар давоми 1 (як) рӯзи корӣ аз санаи Аризаи Иҷрокунандаро оид ба бозгардонии воситаҳои пулӣ қабул кардани Фармоишгар мувофиқи б. 14 Замимаи мазкур, ки мувофиқи шакли Иҷрокунанда ба тасвиб расонида шудааст, қатъ карда мешавад.